**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Раҷабов Абубакр Ашурович дар мавзӯи «Хусусиятҳои овоӣ ва сохторию маъноии калимаҳои иқтибосии арабӣ дар гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ**

Мусаллам аст, ки ҳеч як забони дунё ба таври алоҳида тараққӣ намекунад ва инкишоф намеёбад. Забонҳои дунё бо ҳам дар иртибот ва додугирифт қарор доранд ва забони тоҷикӣ низ аз ин хусусият истисно нест, чунки ҳар як ихтирову бозёфт бо номи аслии забони офаранда номгузорӣ мегардад ва тарҷума кардани он номумкин ва нодуруст аст.

Қисмати бузурги фонди луғавии забони тоҷикиро вожаҳои иқтибосии арабӣ ташкил мекунанд ва чи хеле ки ба ҳамагон маълум аст, гузариши калимаҳои арабӣ ба замони тоҷикӣ асосан баъди истилои арабҳо ба миён омад. Аз ин рӯ гузаштагони мо бо қабул кардани дини мубини Ислом, ҳамчунин вожаҳову таркибҳои забони арабиро қабул намуданд.

Ҳарчанд то кунун дар бораи калимаҳои иқтибосии забони арабӣ дар забони тоҷикӣ рисолаву таълифҳои гуногун ба ?алам омадаанд, аммо ба назар мерасад, ки ҳоло ҳам муҳимтарин вежагиҳои калимаҳои иқтибосӣ ва зуҳури дар дар як гӯйиши забони тоҷикӣ дар шакли як рисолаи алоҳида мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Аз ин рӯ, метавон рисолаи номзадии Раҷабов Абубакр Ашуровичро яке аз аввалин тадқиқоти мустақил дар бораи вежагиҳои калимаҳои иқтибосии арабӣ дар гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ унвон кард, ки дар он пеш аз ҳама масъалаи гуногуни илми забоншносӣ, яъне ҳам қисмати овошиносӣ ва ҳам қисмати морфология мавриди пажӯҳиш қарор гирифтаанд.

Ҳангоми мутолиаи фишурдаи рисола маълум мегардад, ки унвонҷӯ пеш аз ҳама барои анҷоми тадқиқоти хеш доираи васеи осори пажӯҳиширо доир ба ин самт, ки аз сӯи забоншиносон чун В.С.Расторгуева, А.З. Розенфелд, Ғ. Ҷӯраев, М. Маҳмудов Т. Мақсудов

Ш. Исмоилов, С. Хоркашев ва дигарон ба миён омадаанд, мутолиа намуда, дар ҷараёни таълифи рисолаи хеш аз афкор ва андешаҳои ин олимон бахра гирифтааст.

Аз мутолиаи автореферати рисолаи номзадӣ ба мо маълум гардид, ки рисолаи мазкур аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳрасти осори таҳқиқӣ иборат мебошад.

Боби якуми диссертатсия ба пажӯҳиши вежагиҳоии фонетикии калимаҳои иқтибосии арабӣ дар лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ бахшида шудааст. Муаллиф дар ин боб доир ба овозҳои ҳалқии рӯякии айн ва ҳои ҳуттӣ маълумот пешниҳод карда мувофиқати овозҳои арабиро бо овозҳои ҳамгуни забони тоҷикӣ муқоиса намудааст.

Дар боби дуюм хусусиятҳои луғавию маъноии калимаҳои арабиро дар лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ муқоиса намудааст ва вежагиҳои маъноии калимаҳои иқтибосии арабиро инъикос намудааст.

Боби сеюм ва ниҳоии рисолаи мавриди назар фарогири масъалаҳои морфологии калимаҳои иқтибосии арабӣ дар шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ мебошад. Дар боби мазкур муаллиф доир ба калимаҳои иқтибосии арабӣ ва пайванди онҳо бо пасвандҳои забони тоҷикӣ дар ташаккули калимаҳои мураккаб маълумоти дақиқ ҷамъоварӣ намудааст.

Мутолиаи фишурдаи рисола муқаррар мекунад, ки дарвоқеъ унвонҷӯ барои таълифи рисола заҳмати зиёде кашидааст, вежагиҳои илми овонигорӣ ва сарфи забони тоҷикиро мавриди омӯзиш қарор додааст.

Муаллифи диссертатсия тавонистааст, ки ҷанбаҳои назариявии масъаларо муайян намуда, таълифоти забоншиносонро ба риштаи таҳлил кашад ва андешаҳои ҷолиби хешро доир ба ин мавзӯъ пешниҳод намояд. Инчунин имкон ба ӯ даст додааст, ки вежагиҳои овоӣ, луғавию морфологии калимаҳои иқтибосии арабиро омӯзад, онҳоро бо забони тоҷикӣ қиёс намояд ва ҳадафи асосии корашро муайян созад.

Бояд зикр намуд, ки хулосаҳои илмии диссертант низ хеле ҷолибанд. Муаллиф дар якчанд бахш андешаҳои худро хулосабандӣ

намудааст ва онҳо имкон медиҳанд, ки хонанда бо натиҷаҳои илмӣ ошно гардад. Автореферат ба муҳтавои диссертатсия мувофиқ аст ва мақолаҳои ба нашр расонидаи муаллиф афкори ӯро пурра баён менамоянд.

Дар радифи дастовардҳои бузурги рисола, баъзан камбудиҳои ночизе низ ба назари мо расиданд. Масалан, дар автореферати мазкур ишораи кори олимон дар қавсайн бо рақамҳо дода шудааст, вале шиносоӣ бо таълифоти аслӣ ба рисоли номзадӣ ҳавола гардидааст, яъне аз мутолиаи автореферат ба пуррагӣ наметавон дарёфт, ки асари ишораёфта марбут ба қалами кист.

Албатта, ин пешниҳоди мо барои тақвияти баъзе ҷанбаҳои илмии автореферат буда, он ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии онро кам наменамояд.

Муаллифи рисола - Раҷабов Абубакр Ашурович, бо ҳимояи тадқиқотии мазкур барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ арзанда мебошад.


Номзади илмҳои филология, дотсенти

кафедраи забони тоҷикии

ДДХ ба номи акад. Б. Ғафуров: Элназаров Б. Д.

(bakhodur_elnazarov1987@mail.ru)

Сардори ШК ва корҳои махсуси

ДДХ ба номи акад. Б. Ғафуров: Ашрапова З.